Бо қарори мушовараи якҷояи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.07.2014, №14/3 тасдиқ карда шудааст

# ТАРТИБИ
## пешниҳод намудан ба мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

### I.Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби пешниҳод намудан ба мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мукофотҳои соҳавӣ) дар асоси қисми 3 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаи 122 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 11 Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 145 тасдиқ карда шудааст, таҳия гардида, тартиби пешбарӣ, тасдиқ ва супоридани мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишони сарисинагии «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон, «Ифтихорнома» ва «Раҳматнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

2. Ба мукофотҳои соҳавӣ ҳамаи субъектҳои раванди таълиму тарбия, ки дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» нишон дода шудааст, барои муваффақият, комёбӣ, натиҷаҳои назаррас дар фаъолияти педагогӣ ва хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, илм, иқтисод, бунёд ва таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ, дастгирӣ ва расонидани кумаки моддӣ ба омӯзгорону мураббиён ва хонандагон пешбарӣ карда мешаванд.

3. Ба мукофотҳои соҳавӣ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ ва кор мекунанд, дар асоси қонунҳои амалкунанда ва ҳамин Тартиб пешниҳод карда мешаванд.

4. Барои ҳар як шахси ба мукофоти соҳавӣ пешниҳодгардида дар коллективи меҳнатӣ «Варақаи мукофотонӣ»-и махсус, ки тибқи Тартиби мазкур муқаррар гардидааст, ба расмият даровarda мешавад (замимаи 1).

5. Дар варақаи мукофотӣ ному насаби шахси пешниҳодгардида, касбу вазифа, номи пурраи корхона ва ё муассисаи таълимие, ки ӯ кор мекунад, шарҳи мухтасари хизматҳои ӯ, муваффақиятҳои меҳнатӣ, комёбиҳо дар рушди соҳаи маориф, илм ва дигар соҳаҳои фаъолият, нишондиҳандаҳое, ки барои онҳо ба мукофот пешниҳод карда мешавад, зикр мегардад.

Варақаи мукофотиро роҳбар ва раиси ташкилоти иттифоқи касабаи муассиса имзо мекунанд ва мӯҳр мегузоранд.

Варақаи мукофотии роҳбари аввали корхона ва ё муассисаи таълимӣ мутобиқи тобеияти ӯ (номенклатура) аз тарафи муассис пешниҳод карда мешавад.

6. Ҳуҷҷатҳои ба мукофот пешниҳодшуда бо забони давлатӣ пур карда мешаванд ва бояд ба талаботи Тартиб мутобиқ бошанд. Дар сурати нодуруст ба расмият даровarda шудан, ҳуҷҷатҳо баргардонида мешаванд.

7. Мукофотҳои соҳавӣ дар дафтарчаи меҳнатии шахсони ба он сазоворгашта сабт карда мешаванд.

**8.** Шакл ва андозаи Варақаи мукофотӣ, нишонҳои «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон», Ифтихорнома ва Раҳматномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

### II. Тартиби пешниҳод, тасдиқ ва супоридани мукофотҳои соҳавӣ

9. Пешбарии номзадҳо барои гирифтани мукофоти соҳавӣ аз ҷониби коллективҳои меҳнатӣ, шахсони алоҳида (бо дастгирии ташкилоти иттифоқи касабаи муассиса) сурат мегирад. Пешбарии онҳо дар шӯроҳои омӯзгорӣ, илмӣ, ҳайатҳои мушовара ва ғайра тасдиқ карда мешаванд.

10. Раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раёсат ва шӯъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо дар асоси тавсияномаи коллективҳои меҳнатӣ ва бо дастгирии ташкилотҳои иттифоқи касабаи соҳа варақаҳои мукофотониро пур карда, бо мактуби ҳамроҳикунанда ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

11. Шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе варақаҳои мукофотонии кормандони соҳаро танҳо ба воситаи раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Дар раёсатҳои маорифи Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе комиссия оид ба мукофотҳои соҳавӣ таъсис гардида, варақаҳои мукофотонии пешниҳодшударо баррасӣ менамояд ва пас аз он (бо мактуби ҳамроҳикунанда) ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

12.Пешниҳод дар бораи сарфароз гардонидан ба мукофотҳои соҳавӣ ба номи Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мешавад.

13.Пешниҳод дар бораи сарфароз гардонидан ба мукофотҳои соҳавӣ аз тарафи роҳбари муассиса имзо карда мешавад.

Дар мавриде, ки агар худи роҳбар мукофотгиранда ба ҳисоб равад, пешниҳод дар бораи сарфароз гардонидани ӯ аз тарафи муовини аввал (муовинон)-и роҳбари муассиса имзо карда мешавад.

**14.Ҳуҷҷатҳои мукофотӣ аз инҳо иборат мебошад:**

**- пешниҳод;**

**- нухаи шиноснома;**

**- нусхаи Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илм ва нусхаи мақолаи дар рӯзнома ё маҷаллаи соҳавӣ чопгардида;**

**- варақаи мукофотӣ;**

**- 2 дона сурати андозаи 3х4;**

**- мактуби ҳамроҳикунанда.**

15. Муассисаҳои таълимию тарбиявии ғайридавлатӣ (агар аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта, иҷозатнома дошта бошанд) низ бо тартиби муқарраршуда метавонанд барои гирифтани мукофотҳои соҳавӣ номзадҳоро пешниҳод намоянд.

16. Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораю муассисаҳои давлатӣ варақаҳои мукофотониро бевосита ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

17. Комиссияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми се моҳ ҳуҷҷатҳои мукофотиро дида мебароянд. Мукофотонидан бо қарори мушовара ва ё фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешавад.

18. Мукофотҳои соҳавӣ аз ҷониби роҳбарони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсат ва шӯъбаҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораю муассисаҳои давлатӣ дар арафаи ҷашнҳо аз тарафи шахсони ваколатдор дар ҷамъомаду маҷлисҳо тантанавор супорида мешаванд (Пеш аз ҷашни Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи муаллимон, дар арафаи Иди Наврӯз ва рӯзи Ваҳдати миллӣ).

19.Мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илм дар як сол 4 маротиба аз тарафи Комиссия оид ба пешниҳод намудан ба мукофоти соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҷиҳати сарфароз намудан ба Вазири маориф ё мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Ҳамчунин, дар рӯзҳои санаҳои таърихӣ, ба таври истисно бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони арзанда сарфароз гардонида мешаванд.

## III. Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон

20.«Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» дорои нишон ва шаҳодатномаи муқарраргашта мебошад. Нишон дар шакли давра сохта шуда, дар рӯи он нақши глобус бо нишондоди ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, китоби кушода, килк ва навиштаҷоти Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон тасвир гардидааст (замимаи 2).

21.Барои дарёфти нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» шахсоне пешниҳод карда мешаванд, ки на камтар аз 10 сол собиқаи кори омӯзгорӣ дошта, бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудаанд ва барои пешрафти таълиму тарбия ва илму маориф саҳми арзанда доранд. Инчунин, дар рӯзнома ва маҷаллаҳои соҳавӣ як ё зиёда мақола дошта бошад. Ё дар корҳои ҷамъиятии мактаб фаъолона ширкат намуда, аъзои иттиҳодияи методии муассиса мебошад. Дар мавриди аз 10 сол кам собиқаи корӣ доштан, дар асоси дастовардҳои илмиву методӣ ва таълимӣ ба таври истисно аз ҷониби Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода мешавад.

22. Бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» новобаста аз собиқаи 10-солаи кори омӯзгорӣ ва бе пур кардани Варақаи мукофотӣ мумкин аст бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шаванд, аммо тибқи тартибот ва фармоиши Вазир ҳуҷҷатҳо бояд ба танзим дароварда шавад:

- барои муваффақият ва комёбиҳои назаррас дар корҳои таълиму тарбияи насли наврас, навҷӯӣ ва эҷодкорона дар амал татбиқ намудани нақшаю барномаҳои таълимӣ, ки дар натиҷаи санҷиш комиссияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст;
- аз рӯи тадқиқотҳои муфиди илмӣ дар соҳаҳои мухталифи маориф, илм, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ ва дигар асарҳои илмӣ;
- барои иштироки фаъолона дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;
- ғолибон ва иштирокчиёни даври ҷамъбастии озмунҳои ҷумҳуриявии «Муаллими сол» ва «Мураббии сол»;
- барои ба натиҷаҳои баланд ноил гардидани шогирдон дар озмунҳою мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ба шарте ки муаллим на камтар аз се сол ба ин шогирд дарс гуфта бошад.

23. Шахсоне, ки бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардидаанд, такроран ба ин мукофот пешбарӣ карда намешаванд.

## IV. Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон

24. «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон» дорои нишон ва шаҳодатномаи муқарраргашта мебошад. Нишон дар шакли давра сохта шуда, дар рӯи он нақши ду даст, китоби кушода, глобус, барги гул ва навиштаҷоти Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон тасвир гардидааст (замимаи 3).

25. Бо нишони «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон» новобаста аз собиқаи кори омӯзгорӣ ва бе пур кардани Варақаи мукофотӣ мумкин аст бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шавад.

26. Ба шахсони алоҳида барои сохтмон, таъмиру барқарорсозӣ, таъмин бо таҷҳизоти мактабӣ, расонидани кумакҳои молиявӣ ба муассисаҳои таълимӣ ва кормандони соҳаи маориф «Аълочии ифтихории маорифва илми Тоҷикистон» дода мешавад.

27. Шахсоне, ки бо нишони «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардидаанд, такроран ба ин мукофот пешбарӣ карда намешаванд.

28. Дар мавриди гум кардани ҳуҷҷатҳои мукофотӣ дубликати ҳуҷҷатҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати маорифва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

## V. Ифтихорнома

29. Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди роҳбарони ташкилоту муассисаҳо бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Шакл ва андозаи Ифтихорнома аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад (замимаи 4).

30. Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шаҳрвандон, инчунин ба муассисаҳои таълимӣ, коллективҳои меҳнатӣ барои комёбиҳо дар соҳаи таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун дода мешавад.

31. Бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран мукофотонидан мумкин аст.

## VI. Раҳматнома

32. Раҳматнома (замимаи 5) ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва бетабаае, ки дар соҳаи таълиму тарбия, сохтмон, таъмиру тармими иншоотҳои соҳаи маориф ва дигар масъалаҳои марбут ба инкишофи соҳаи маориф саҳм гирифтаанд, бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуда, ҳуччати тасдикккунанда пешниҳод карда мешавад.

33. Барои меҳнати шоён ва комёбиҳо якчанд бор эълон намудани Раҳматнома мумкин аст.

## VII. Тартиби додани шаҳодатномаи ТАКРОРӢ (ДУБЛИКАТ) –и нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон»

34.Шаҳодатномаи такрорӣ (Дубликат)-и нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва нишони «Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон» бо пешниҳоди ариза ба номи Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аз эътибор соқит намудани рақами пешинаи шаҳодатнома дода мешавад.

Замимаи 2

_______________________________________
(вилоят, шаҳр, ноҳия)

____________________________________________________________

____________________________________________________________
(номи муассиса)

**ВАРАҚАИ МУКОФОТОНӢ**
**барои нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон»**

Ҷойи расм

**1. Ному насаб**____________________________________________

**2. Сол ва ҷои таваллуд**____________________________________

**3. Миллат**____________________**4.Ҷинс**__________________

**5.Таҳсилот** ___________________________________________

**а) кай ва кадом таълимгоҳро хатм кардааст**________________________________________
_________________________________________________________________________________
_________________________________________________________________________________

**б) ихтисос, касб, вазифа, ҷои кор**____________________________________________________
_________________________________________________________________________________
_________________________________________________________________________________
_________________________________________________________________________________

**6. Дараҷаи илмӣ (категория, унвон, кай дода шудааст)** _______________________________
_________________________________________________________________________________
_________________________________________________________________________________

**7. Собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос**__________________________

**8. Бо кадом мукофотҳо ва кадом сол сарфароз шудааст**_______________________________
_________________________________________________________________________________
_________________________________________________________________________________

**9. Нишонии истиқоматгоҳ** ______________________________________________________
_________________________________________________________________________________

**10. Кори аз аввали фаъолияти меҳнатӣ иҷрокардашуда**

| **Моҳ ва соли** | | **Вазифа ва номи пурраи ҷои кор** | **Маҳалли ҷайгиршавӣ** |
|---|---|---|---|
| **дохил шудан** | **хориҷ шудан** | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

**11. Тавсифнома (бо нишондоди хизматҳои мушаххас)**________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________

**Номзадии** ____________________________________________________________________

(вазифа, ному насаб)

________________________________________________________________________________

(маҷлис ё шӯрои коллективи меҳнатӣ)

________________________________________________________________________________

________________________________________**тавсия намудааст**

**Роҳбари муассиса**

________ ________________

**имзо)** **(ному насаб)**

**Ҷ.М.**

**Раиси кумитаи иттифоқи касаба**

________ ________________

**(имзо)** **(ному насаб)**

**Ҷ.М.**

**Илтимосномаи мукофотонии**__________________________________________________

________________________________________________________________________________

__________________________________________________________________ **дастгирӣ менамояд**

**Роҳбари муассиса**

__________________________

**(имзо, ному насаб)**

**Ҷ.М.**

**Раиси кумитаи иттифоқи касаба**

__________________________

**(имзо, ному насаб)**

**Ҷ.М.**

**Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «____»_______________ соли 20_____, №__________**
**нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» дода шудааст**

Замимаи 5

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Р А Ҳ М А Т Н О М А

В А З И Р__________________ _____________

Фармони №_____ аз «____»__________ соли 20___